«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарзода Ж.Б. _____

«_14_» _02_ соли 2021

ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна дар мавзӯи «Шароитҳои психологӣ-педагогии тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

1. **Мубрамии мавзӯи таҳқиқ.**

Диссертатсияи номзадии мазкур, ба таҳқиқи «Шароитҳои психологӣ-педагогии тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ» бахшида шудааст. Тарбия намудани одоби муошират дар давраи томактабӣ аз инҳо бармеояд: давраи томактабӣ давраи муҳим дар тарбия ва ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии шахсияти инсон буда, аз худ кардани қоида ва меъёрҳои одоби муошират ифодагари хислатҳои маънавии ҳар як кӯдак мебошад; кӯдакон дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, оила, минбаъд дар муҳити мактаб ба доираи васеи муошират муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо ҳамсолону калонсолон ворид гардида, вобаста бо риоя кардани қоида ва меъёрҳои одоби муошират ҳамчун шахсияти арзишманд шинохта мешаванд; одамони атроф, ки кӯдак бо онҳо муошират барқарор менамояд, хислат, рӯҳия, шавқу рағбат, талаботу имкониятҳои худро ифода менамояд. То имрӯз аксарият масъалаҳо дар омӯзиш ҳалли худро ёфтаанд, аммо қисми зиёди масъалаҳои бо тарбияи одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ алоқамандбуда то ҳол таҳқиқ шуда истодаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи проблемаҳои

тарбияи одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ, барои ошкор намудани мушкилоти дохилии аъзоёни оила аҳамияти ниҳоят муҳимро дорад.

Диссертант Ҷалолова Г.С. мавзӯи барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон ниҳоят мубрамро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки бо мушкилоти дигари доғи рӯз, аниқтараш риоя ва иҷро карда натавонистани қоида ва меъёрҳои одоби муошират, ҳамчун одати номатлуб дар кӯдакони синни томактабӣ дида мешавад. Масъалае, ки диссертант таҳқиқ менамояд ба проблемаҳои тарбия намудани одоби муошират ба миён омадааст, то кӯдакон тавонанд минбаъд бо аз худ кардани қоида ва меъёрҳои муошират ба доираи муносибатҳои байниҳамдигарӣ дохил гардида, ба шароитҳои нави иҷтимоӣ мутобиқ шуданро ёд гиранд, маҳорату малакаҳои иҷтимоишавиро аз худ намуда, чун шахсияти арзишманд ва ҷавобгӯ ба талаботҳои пешрафти ҷомеа ба воя расанд.

Дар рисола зимни баррасии масъалаи тарбияи одоби муошират маводи бузурги назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои муҳаққиқони зиёди ватанию хориҷӣ тарбия намудани одобӣ муошират ҳамчун ҷузъи таркибии арзиши маънавии халқи тоҷик омӯхта шудааст, ки ин дар қисми назариявии кор равшан намудор мегардад. Дар мазмуни қисми назариявии кор фикри шахсии муҳаққиқ назаррас аст, ки ин аз ворид будани ӯ ба моҳияти аслии масъала, кӯшиши дарёфти роҳҳои ҳалли он далолат менамояд.

Зимни омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Ҷалолова Г.С. муайян карда шуд, ки ӯ мувофиқи ҳадафҳои дар назди худ гузоштааш аз ҷиҳати илмӣ ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро тадқиқ намуда, нақши одоби муоширатро дар такомули шахсияти кӯдакон, ки сабабҳояш ба сатҳи саломатии одам таъсир мерасонад, шарҳ додааст.

Дар диссертатсия доир ба тарбия намудани одоби муошират дар давраи томактабӣ маълумот дода шуда, риоя кардани қоида ва меъёрҳои одоби муошират дар системаи муайяни муносибатҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф дар бораи давраи томактабӣ, ки давраи муҳим дар

тарбия ва ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии шахсияти инсон аст аз худ кардани қоида ва меъёрҳои одоби муошират, ки ифодагари хислатҳои маънавии ҳар як кӯдак мебошад, дуруст қайд кардааст.

Тарафи мусбии кори таҳқиқотии Ҷалолова Г.С. дар он аст, ки бо мақсади бори аввал дар заминаи таҳлили таҳқиқотҳои илмии психологӣ - педагогӣ тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни томактабиро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст; таҷрибаи тарбияи одоби муошират дар кӯдаконро таҳлил ва шароитҳои психологӣ - педагогии таъмин намудани самарабахшии онро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ арзёбӣ намудааст.

Арзишмандии таҳқиқоти мазкурро бо таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дар муқаддима дастгоҳи илмии таҳқиқот пайдарҳам ва дуруст пешниҳод карда шудааст;

- тасмим гирифта шудааст, ки маҳз дар ҳамин давра кӯдакон қоида ва меъёрҳои одоби муоширати суннатии ниёгонро бо истифодаи меъёрҳои фарҳанги нутқронӣ (овозӣ – фонетикӣ, луғавӣ – маъноӣ, сохтории ҷумласозӣ) ва рангу тобишҳои забонӣ аз худ менамоянд, ки онҳо дар ташаккулёбии шахсияти инсон нақши муҳим доранд;

- дар боби аввали рисола масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзӯи таҳқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ҷавобгӯй аст;

- муаллиф аз таҳқиқотҳои олимони кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст (саҳ 20-140);

- бо маълумоти оморӣ исбот намудааст, ки кӯдакон дар давраи томактабӣ имконият ва нерӯи азхудкунии одоби муоширатро доранд ва дар ин раванд ҳамкории волидону кормандони муассисаҳои томактабӣ арзишманд мебошад;

- методикаҳои интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотӣ мувофиқат менамоянд. Натиҷагирӣ аз истифодаи методикаи таҳқиқотӣ дар

ҷадвал, диаграмма ва расмҳо ифода ёфтаанд ва ҳамаи далелҳо ба таври оморӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд;

- масъалаи мувофиқат кардани талаботҳо ба одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ дар зерхати меъёрҳои одоби муоширати миллӣ роҳандозӣ карда шуданд;

- таҳлили назариявии масъала ва натиҷагирӣ аз таҳқиқоти амалӣ, ки онҳо дар беҳдошти тарбия ва ташаккулдиҳии одоби муошират дар кӯдакон арзишманд хоҳад буд, иброз карда шудааст.

2. Натиҷаҳои илмии диссертатсия, ки ба талаботҳои бандҳои 10, 11, 12, 14, 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи Ҷалолова Г.С. хусусияти эҷодкориро доро буда, фарогири баъзе проблемаҳои одоби муошират аз тарафи кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Натиҷагирӣ ва муқоисаи маводҳои оморӣ дар диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф соҳиби тафаккури илмӣ буда, маҳорати иҷрои амалҳои мураккаби фикриро дорост.

Диссертатсияи мазкур дорои натиҷаҳои навини илман асоснокгардида, доир ба таҳлили проблемаҳои тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад, ки дарак аз саҳми шахсии муаллифи он медиҳад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба проблемаҳои одоби муошират дар кӯдакони синни калони томактабӣ, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби диққат мебошад, ки вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ монда шуда, аз таҳлили оморӣ, математикӣ ва коррелятсионӣ иборат аст, ки хосси таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ мебошад.

3. Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ.

Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо, зерфаслҳо ва методҳои таҳқиқотии мутобиқгардонидашуда инъикоси

худро ёфтаанд. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро таҳқиқотҳои илмӣ – назариявии олимони хориҷию ватанӣ вобаста ба проблемаҳои назариявӣ ва амалии муошират ташкил дода, онро масъалаи мураккаб ва печидаю гуногунҷабҳаи психологӣ–педагогӣ дониста, зарурияти муносибати тафриқавиро нисбати он ва одобу фарҳангро дар даврахои гуногуни синнусолии инкишофи шахсият тақозо менамояд.

Вобаста ба проблемаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот масъалаи шинохт ва фаҳмиши олами воқеӣ ба кӯдак маҳз ба шарофати муошират муяссар мегардад. Муҳаққиқони соҳаи психология Л. С. Виготский, А. Леонтев, Д. Б. Элконин, В. Н. Мясишиев, А. А. Бадалев, Я. Л. Коломинский, илми педагогика В. А. Сухомлинский, А. Н. Подласий, Ш. А. Шаропов, С. Сулаймонӣ ва дигарон иддао доранд, ки бахши зиёди кӯдакон дар барқарор ва роҳандозӣ кардани муошират мушкилот пайдо мекунанд. Аз муҳаққиқони ватанӣ бошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи инкишоф додани нутқ ва тарбия намудани одоби нутқронӣ дар таҳқиқотҳои М. Лутфуллоев, Л. М. Иматова, Ш. П. Котибова ва дигарон диққати ҷиддӣ дода шудааст.

Тарбия намудани одоби муошират чун ҷанбаи арзишманди тарбияи гуманистӣ дар таҳқиқотҳои М. Арифов, И. Х. Каримова, Ф. Шарифзода, М. Лутфуллоев, Б. Э. Ашурова ва дигарон арзёбӣ гардидааст. Дар таҳқиқотҳои этнопедагогии Б. Маҷидова, А. Нуров, Б. Раҳимов,
Ф. Хоҷаева ва дигарон тарбия намудани одобӣ муошират ҳамчун ҷузъи таркибии арзиши маънавии халқи тоҷик мавриди омӯзиш қарор додаанд. Муҳаққиқ Ҷалолова Г.С. дар диссертатсияи худ проблемаҳои системаи муоширати кӯдакони синни томактабиро дуруст таҳлил намуда, баъзе муаммоҳои ҷойдоштаро ошкор намудааст.

4. Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар диссертатсия баён гардидаанд.

Мавзӯи «Шароитҳои психологӣ-педагогии тарбия намудани одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

сатҳи диссертатсионӣ бори аввал мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтааст. Дар баробари омӯзиши диссертатсияи мазкур, ба хулоса омадан мумкин аст, ки муҳаққиқ ба мақсадҳои гузоштааш ноил гардидааст. Нукта ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда, аз диди илмӣ навгонӣ эътироф карда шуда, метавонад аз тарафи кормандони муассисаҳои томактабӣ ҳангоми кор бо кӯдакон мусоидат кунад.

5. Эродҳо оид ба мазмун ва шакли диссертатсия.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд:

1. Яке аз эродҳое, ки зикраш, аз нигоҳи мо зарур аст, инъикос наёфтани таҳқиқотҳои олимони кишвар дар диссертатсия;

2. Хулосаи ҷамъбастии таҳқиқот ҳарчанд мушаххас аст, аммо ба таҳқиқотҳои ҷаҳонӣ такя кардан ва дар баробари ин, муқоисаи онро бо натиҷаи таҳқиқотҳои ватанӣ дар диссертатсия овардан, яке аз ҳолатҳое мебошад, ки аз диссертант талаб карда мешавад ;

3. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ хатоҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёзманд аст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро инкор намекунанд. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

6. Баҳои ягонаи дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор.

Диссертатсия ягонагии дохилиро доро буда, методҳое, ки дар раванди таҳқиқот истифода бурда шудаанд, сифати мусбии диссертатсияро ифода намуда, онро метавон минбаъд дар таҳқиқотҳои илмӣ вобаста ба объекти омӯзиш мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин маводҳои диссертатсияи мазкурро метавон ҳангоми таълими фанни «Психологияи муошират» истифода бурд.

7. Тасдиқи нашри нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар автореферати диссертатсия дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор гардидаанд, дар худи диссертатсия, хулосаи он ва автореферат дарҷ гардидаанд.

8. Мувофиқати автореферат ба мухтавои диссертатсия.

Автореферат пурра мухтавои диссертатсияро дар бар мегирад ва дар он натиҷаҳои асосӣ, ки дар бобҳо, зерфаслҳо ва зербандҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд, мутобиқат менамояд.

9. Мувофиқати диссертатсия ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ.

Диссертатсияи муҳаққиқ Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии фТоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста мебошад.

Диссертатсия дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, бо иштирок ва баромади унвонҷӯ Ҷалолова Гулчеҳра Субҳонбердиевна баррасӣ ва муҳокима гардида, тақризи мазкур бо тарафдории аксарияти иштирокчиён тасдиқ карда шуд. (Қарори ҷаласаи кафедра аз 20 январи соли 2021, №6).

Тақриз аз тарафи ташхисгарон, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Д. Ашурова ва номзади илмҳои педагогӣ Ф. Рачабова омода карда шудааст.

Раисикунанда: мудири кафедраи
педагогика ва психологияи
ДДЗТ ба номи С. Улуғзода,
н.и.п., дотсент М.М. Ошимова

Ташхисгарон:
д.и.п., дотсент Д. Ашурова
н.и.п. Ф. Рачабова

Котиби чаласа М. Илҳомов

Имзоҳои М.М. Ошимова, Д. Ашурова, Ф. Рачабова ва
М. Илҳомовро **тасдиқ мекунам:**
мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С. Улуғзода Ш.М. Начмуддинов
«04» феврали соли 2021.

Нишонӣ:
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: +(99237)2325000; 2328730
E-mail: ddzt@ddzt.tj
Сомона: www.ddzt.tj